# ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди бозори фуруши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01– Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) пешниҳод шудааст.

Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна ҳамчун донишҷӯи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (1993-1999) дар факултетҳои педагогика ва психология, инчунин иқтисодии (сс.1999-2004) таҳсил намудааст.

Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна аз соли 2003 ба ҳайси ассистенти кафедраи идоракунии факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ кору фаъолиятро оғоз кардааст.

Бобохонова Ш.Х. дар тули солҳои 2008 муаллими калон,ҷонишини мудири кафедраи менеҷмент, аз 2009 то 2016 ба ҳайси мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идора ва аз соли 2018 ҷонишини мудири кафедраи менеҷмент ва маркетинг фаъолият намудааст.

Алҳол ба ҳайси муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият дорад.

Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна аз 03.03.2014таҳти рақами № 33 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи менеҷмент ва маркетинги факултети Иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 25-уми моҳи феврали соли 2020 № 7/6-16 мавзӯи «Ташаккул ва рушди бозори фуруши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» –ро дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рудакӣ тасдиқ намуда, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир ин дастгирӣ ва рушди бозори фуруши барқ ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки баланд бардоштани сатҳи сифати хизматрасониҳои электроэнергетикӣ, яке аз омилҳое мебошад, ки барои ташаккули ҳақиқии иқтисоди рақамӣ заминаи асосӣ мегузорад. Дар баробари мутобиқшавӣ ба муҳити тағйирёбандаи иқтисодиёт, аҳамияти баланди иҷтимоию иқтисодии соҳаи электроэнергетика масъулияти субъектҳои бозори фуруши барқ ва мақомоти давлатиеро, ки масъалаҳои фаъолияти соҳаи мазкурро танзим

мекунанд, афзун мекунад. Зиёда аз ин, хусусиятҳои худи нерӯи барқ ҳамчун мол ба равандҳои ташкил ва рушди бозори фуруши барқ асари худро мегузоранд.

Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт бо 154 номгӯй иборат аст. Матни диссертатсия дар 219 саҳифа дарҷ гардида, 14 расм ва 17 ҷадвалро дар бар мегирад.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ Бобохонова Ш.Х. бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои таҳқиқот, эътимоднокии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқотӣ, коркарди оморӣи натиҷаҳои кор, интишорот, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ диққати махсус зоҳир намудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот ва навоварии илмӣ.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳияи асосҳои назариявӣ, тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба мукаммалгардонии бозори фуруши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад. Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, ин нуқтаҳоро дар бар мегиранд:

1. Аз ҷониби муаллиф заминаҳои таърихӣ, ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули бозори фуруши барқ таҳқиқ шуда, дар ин асос хусусиятҳои амалкунӣ ва рушди он муайян карда шудаанд.

2.Таҷрибаи хориҷии фаъолияти бозори фуруши барқ таҳлил карда шуда, истифодаи ҷиҳатҳои мақбули он барои барқарор кардани низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

3. Дар асоси арзёбӣ намудани вазъи муосири иқтисодӣ ва техникии фаъолияти субъектҳои бозори фуруши барқ шароит ва заминаҳои рушди бозори мазкур муайян карда шудаанд.

4. Муҳити тиҷоратии фаъолияти субъектҳои дар бозори фуруши барқ амалкунанда таҳлил карда шуда, барои ворид ва ҳамгиро шудани онҳо ба бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии электроэнергетикӣ тавсияҳо таҳия карда шудаанд.

5. Омилҳо ва шароити рушди бозори фуруши барқ дар заминаи истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди нерӯи барқ муайян карда шудаанд.

6. Тавсияҳои амалӣ барои татбиқи инноватсияҳо ва дастовардҳои илмию техникии муосир дар бозори фуруши барқ таҳия ва пешниҳод карда шуданд.

7. Амсилаи рушди бозори фуруши барқ дар шароити тағйирёбии иқлим ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт таҳия карда шудааст.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои

хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) иҷро карда шуда, ба мухтавои бандҳои 3 – Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ, 15 – Роҳҳои таҳқиқ ва истифодаи самараноки потенсиали субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва хизмати маишӣ, 18 – Сармоягузорӣ ба рушди савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ ва истифодаи самаранокии он, 19 – Ташкили савдои яклухт ва чакана дар шароити муосир, 26 –Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ,мутобиқат менамояд.

Заминаҳои назариявию метологииии таҳқиқот - ин татбиқи мушаххаси назарияи дарки илмии предмети таҳқиқот мебошад. Диссертатсия ба асарҳои илмии олимон оид ба назария ва методологияи ташаккули бозори фуруши барқ асос меёбад.

Дар тадқиқот аз вобастагӣ ба масъалаҳои ҳалталаби дар пешгузошташуда чунин усулҳои тадқиқот истифода бурда шуданд: иқтисодӣ-оморӣ, абстрактӣ – мантиқӣ, монографӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, таҳлили оморӣ, мушоҳидаҳои шахсии муаллиф ва ғайра.

Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия аз он иборат аст, ки дар он як қатор хулосаҳо ва як қатор тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии ташаккул ва рушди бозори фуруши барқ пешниҳод гаштаанд. Пешниҳодоти илмии муаллифро метавонанд аз тарафи сохторҳои минтақавӣ, ҷамоатҳои деҳот, ҳокимиятҳо дар ҷараёни беҳтаргардонии самтҳои алоҳидаи рушди бозори фуруши барқ истифода намоянд.Тавсияҳои назариявӣ ва методӣ, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, дар ҷараёни таълим дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ тадбиқ карда шудаанд ва дар таълими фанҳои идоракунии лоиҳаҳо, фаъолияти тиҷоратӣ, ташкили технологияи ҷараёни савдо, менеҷменти инноватсионӣ, навиштани корҳои курсӣ ва рисолаҳои хатм истифода бурда мешаванд.

Бобохонова Ш.Х. муаллифи беш аз 35 мақола, аз ҷумла 7 мақолаи тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ки доир ба сатҳи баланди илмӣ ва мустақилияти он шаҳодат медиҳад.

Бобохонова Ш.Х. дар ҷараёни фаъолияти бирёрсолаи илмию омӯзгориаш, худро ҳамчун корманди соҳибтахассус нишон дода, дар ҳамбастагӣ корҳои таълимӣ, таълимию методӣ ва таҳқиқотию илммиро муваффақона ба сомон расонидааст.

Бобохонова Ш.Х. ҳамчун корманди соҳаи илм дорои хислатҳои ҷустуҷуву омӯзиши пайваста, эҷодкориву ҳадафмандӣ, қобилияти

баланди меҳнатӣ ва масъулиятшиносӣ, маҳорати дар сатҳи баланд роҳандозӣ намудани корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳлил ва қабули қарорҳои мустақил ва муайянсозии роҳҳои ноилшавӣ ба ҳадафу вазифаҳои гузоштташуда мебошад.

Кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди бозори фуруши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯй ба талаботҳои Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ мебошад.

Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна бомуваффақият аз уҳдаи мақсаду вазифаҳои таҳқиқотии гузоштташуда баромад ва барои мушарафгардонӣ ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ), КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовор мебошад.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионӣ мантиқан кори мустақили илмию таҳқиқотии дорои муҳимияти муҳими иҷтимоию иқтисодии ҳалли масъалаҳои илмӣ ҳисобида шуда, барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**н.и.и., дотсент, мудири кафедраи менеҷмент** **Мирзоалиев А.А.**

**Суроға: 734061 Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2**
**Тел/факс +992 (372)348546**
**E-mail: menejment_08@mail.ru**

Имзои н.и.и., дотсент Мирзоалиев А.А. –ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Пирзода С.С.**

15.06.2023